**Хулосаи**

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-005 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар ҳайати: Раҷабов А.- доктори илмҳои таърих, профессор (раис), Раҳимов Н. –доктори илмҳои таърих (аъзо), Бобомуллоев С.- доктори илмҳои таърих (аъзо)

20 июни 2019 . ш. Душанбе

Рисолаи Сафаров Некрӯз «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ)», ки барои дифоъ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти наву мустақилона буда, ҷавобгӯи талабот нисбат ба рисолаҳои номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аст.Дар рисолаи мазкур масоили таърихию сарчашмашиносии ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён(819- 1005) бо такя ба гузориши манобеи хаттии таърихӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Рисолаи таҳқиқотии Некрӯз Сафаров воқеан ба мавзӯи муҳими таърихи халқи тоҷик- давлати муттамаркази Сомониён бахшида шуда, пайдост,ки пажӯҳишгарони зиёди ватанию хориҷӣ дар маҷмӯ доир ба масоили гуногуни давлати Сомониён – сохтор, идории давлат, сиёсату иқтисод, лашкардорӣ, дафтардорӣ, илму фарҳанг, адабиёту фалсафа, хунарҳои бадеӣ: мусиқӣ, шаҳр ва шаҳрсозӣ, китоб ва китоборой ва ғайра рисолаву мақолаҳо навиштаанд.

Таъкид ба ёдоварист,ки омӯзиши мавзӯи ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён хоса мавриди таҳқиқи фаннӣ нашудааст. Дар навиштаи марбут ба ҳудуди ҷуғрофиёии давлати Сомониён ва мавҷудияти он бо такя ба гузориши сарчашмаҳои хаттӣ бо усули муқоисавию татбиқии илмӣ таҳқиқ нашудааст. Аз ҷумла, дар ҳар давраи таърихӣ ба давлати Сомониён тобеъ шудани манотиқи кунунии Тоҷикистон ҳам дар навиштаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дақиқу равшан ба қалам наомадаанд . Дар навиштаҳои илмӣ ва таълимии мактабу донишгоҳҳои Тоҷикистон ҳоло ҳам харитаҳое истифода мешаванд, ки ҳудуди ҷуғрофиёи таърихию сиёсии давлати Сомониён комилан муайян нашудааст. Аз ҷумла , яке вилоёти Ғур, қисме аз Сиистон ва баъзе аз вилоёти Эрони ғарбию марказӣ, ки зиёда

аз ним аср тобеи Сомониён буданд, ба харитаи ин давлати бузургу муттамарказ ворид нашудаанд.

Таҳқиқи мавзӯи мазкур ва муҳимияти онро дар зимни омӯзиши муқоисаи гузориши сарчашмаҳои хаттии таърихӣ ва то ҷое ба таври илова истифодаи маводи бостоншиносии солҳои охир дастрасшуда марзҳои амиқу равшани дохиливу хориҷӣ ва дар умум, ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониёнро метавон муайян намуд. Зимни ин, бо чунин усули таҳқиқ ҳудуди ҷуғрофиёии ташаккули халқи тоҷик ва густариши забони тоҷикии дарӣ (форсӣ) дар Хуросони Бузург ва берун аз онро метавон мушаххас намуд. Инчунин, бо омӯхтани ҷуғрофиёи таърихии вилоёти ҷудогонаи давлати Сомониён вазъи иҷтимоию иқтисодии ин давлати бузург дар маҷмӯ дақиқтар муайян хоҳанд шуд.

Пажӯҳишгар Сафаров Некрӯз дар ҷараёни таҳқиқӣ мавзӯи мазкур бо такя ба гузориши сарчашмаҳои васею умдаи таърихӣ, осори ҷуғрофиёии асримиёнаӣ ва илова тан бахрабардорӣ аз маводи бостоншиносӣ (ба таври муқоисавӣ- татбиқӣ), марзҳои умумӣ ва дохилии давлати Сомониёнро равшан ба қалам оварда ва яке аз мавзӯоти меҳварии таърихию назарӣ – замони густариш ва коҳиши ҷуғрофиёии давлати Сомониёнро муайян кардааст. Ахбори баъзе аз сарчашмаҳо нахустинбор дар рисолаи Н. Сафаров ба фазои илмӣ ворид карда шудаанд, ки яке аз навгониҳои илмии таҳқиқоти мазкур аст.

Нововарии илмии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён бар пояи сарчашмаҳои ҷуғрофӣ-таърихии асримиёнаӣ ва маводи бостоншиносӣ ба таври фарогир қаламдод шуда, ҳудуди давлати Сомониён дар тамоми давраҳои мавҷудияти он муайян гардидааст. Инчунин, омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар тағйири ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён асаргузор буданд, мушаххас шуда, марзҳои ҳар кадом вилоятҳои тобеи давлати Сомониён ва дар умум тамоми ҳудуди ин давлат дар давраҳои мухталиф дар харитаҳое, ки худи унвонҷӯ таҳия кардааст, дақиқ тасвир ёфтаанд.

Дар ҷараёни омӯзиши масоили ҷуғрофиёи таърихии садаҳои IX-XI-и Мовароуннаҳр Хуросон ва Эрон, инчунин барои таҳияи асарҳои умумии вобаста ба таърихи асримиёнаии ин сарзаминҳо рисолаи мазкур метавонад мавриди истифода қарор гирад. Инчунин, рисола барои навиштани ҷанбаҳои гуногуни таърихи ин сарзамин, курсҳои

махсус ва китобҳое, ки ба ин ҳудуд ва ин давраи таърих иртибот доранд, ҳамчун маводи иловаӣ ва ёридиҳанда метавонад чун сарчашмаи илмии дидан нав хидмат кунад.

Мавзӯ ва мазмуни умдаи рисола дар чаҳор мақолаи унвонҷӯ,ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва КОА назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ воридаанд, баён шудааст.

Рисолаи номзадии Сафаров Некрӯз Шодиевич «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён» (дар асоси сарчашмаҳои хаттии таърихии ба таври муқоисавӣ омӯхташуда) аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.09 – **Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ** арзанда аст.

Комиссияи экспертӣ пас аз омӯзиши фаннӣ чунин натиҷагирӣ намуд,ки рисолаи номзадии унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич дар мавзӯи:«Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси маъхазҳои таърихӣ)» ба ихтисоси 07.00.09 – **Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методи таҳқиқотҳои таърихӣ** мувофиқ аст.

Зимни ин вобаста ба мавзӯи зикршуда комиссияи экспертӣ ба чунин қарор омад:

1.Рисолаи номзадии унвонҷӯ Сафаров Некрӯз Шодиевич «Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён (дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методи таҳқиқоти таърихӣ тавсия дода шавад.

2.**Ба сифати муассисаи пешбар:** Кафедраи таърихи халқи тоҷик, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

3.**Ба сифати муқарризони расмӣ :**

Давлатов М.-доктори илмҳои таърих,профессори кафедраи улуми иҷтимоӣ ва гуманитарии донишкадаи кӯҳӣ-металургии Тоҷикистон

Асоев С. А.- номзади илмҳои таърих , доценти кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шаванд.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои таърих, профессор Раҷабов А.

**Аъзои комиссияи комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои таърих Раҳимов Н.Т.

доктори илмҳои таърих Бобомуллоев С.

**Имзоҳоро тасдиқ менамоям :**

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АИ ҶТ Файзуллоева Г.